Дар Форум намояндагони Ҳукумат ва вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони парлумони кишвар, намояндагони воломақоми ҳукуматҳои кишварҳои ҳамшарик, соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳбарони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, олимону коршиносони варзида, 350 ширкати сармоягузор аз 35 мамлакат иштирок намуданд.

Дар Форум Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи дастгирии соҳибкории хурду миёна, имтиёзҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, имкону захираҳои мусоиди сармоягузории Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат, таҳкими ҳамкории бахши хусусӣ бо давлат, таъсиси фонди дастгирии соҳибкорӣ, иштироки тоҷирон ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат, воридоти технологияи муосир, ифтитоҳи корхонаҳои муштараки саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолу содироти молу маҳсулот ва дар маҷмӯъ оид ба натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ баромад кард.

Аз рӯи маълумот дар айни замон ҳиссаи бахши хусусӣ 63,4 фоизи ММД-ро ташкил дода 64,5 фоизи аҳолии фаъоли дорои қобилияти меҳнатӣ ба кор ва, қариб 80 фоизи пардохтҳои андозиро ба буҷаи давлат таъмин менамояд.

Сипас, кори Форум дар толорҳои Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» дар бахшҳои алоҳида сурат гирифт.

Дар бахши якуми Форум «Ҷалби сармоя-дастовардҳо ва монеаҳо», ки таҳти сарварии Вазири рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ Неъматулло Ҳикматуллозода гузашт, масъалаҳои марбут ба сармоягузориро баррасӣ намуд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар шаш моҳи соли 2015, 481,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 206,4 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим, 275,2 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Бояд зикр намуд, ки воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 37,3 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Бахши дуюм таҳти сарварии вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода сурат гирифта имкониятҳои сармоягузории бахшҳои саноат, энергетика ва кишоварзиро муҳокима намуданд.

Бахши сеюми таҳти сарварии Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар мавзӯи «Бозори хизматрасониҳои молиявӣ,

нақши ташкилоти молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон» ҷараён гирифт. Дар рафти он масъалаи мукаммал намудани қонунгузории бонкӣ, танзим ва назорат, муосиргардонии инфрасохтори бонкдорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ ва имкониятҳои лизинги молиявӣ, рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ ҳамчун сарчашмаи боэътимоди сармоягузориҳои дарозмуддат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон то 1 сентябри соли 2015 аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд ба субъектҳои соҳибкорӣ ба маблағи 8 623,8 млн. сомонӣ қарз ҷудо шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2014, 1 372,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар раванди Форум мулоқоти дуҷониба байни соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ сурат гирифт ва имконият фароҳам оварда шуд, ки соҳибкорон байни ҳамдигар мубодилаи афкор ва таҷриба намоянд.

Дар ҷаласаи алоҳида таваҷҷӯҳи асосӣ ба барқарор кардани робитаҳои тиҷоратӣ миёни ширкатҳо, сармоягузорон ва сохторҳои давлатӣ равона гардид. Иштироккунандагон дар ин қисмат барои шиносоӣ ва омӯзиши имкониятҳои ҳамкорӣ, шароит, интизориҳои сармоягузорон ва бахшҳои молиявӣ, инчунин сармоягузорӣ ба тиҷорати миллӣ имконияти васеъ пайдо намуданд.

Дар маҷмӯъ вобаста ба натиҷаҳои форум лоиҳаи Нақша чорабиниҳо таҳия гардида, барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод шуд.